# ТАҚРИЗ

ба авторефератидиссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи "Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Модернизатсияи системаи маориф посух ба даъвати замон аст, ки аз хонандагони муассисаҳои таълимӣ дорои хислатҳои ташаббускорӣ ва созанда буданро тақозо мекунад. Хонандагон дар давоми солҳои таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ бояд майл ба худомӯзӣ, қобилияти мустақилона қабул намудани қарорҳо ва дарки зарурати истифодаи технологияи навтаринро дар фаъолияти амалӣ дошта бошанд. Илова бар ин, хонандаи муассисаи таълимӣ бояд ба соҳаҳои ояндаи касбӣ ва иҷтимоӣ мутобиқ шуда, қобилияти кор кардан дар тим, омодагӣ ба сарбории зиёдатӣ, ҳолатҳои стресс ва малакаи зуд бартараф кардани онҳоро дошта бошад. Раванди ба даст овардани салоҳиятҳои асри 21 дар он сурат метавонад муваффақ бошад, ки ҷавонон ба фаъолияти мустақилона, аз ҷумла эҷоди ҷараёни зеҳнии иттилоотии худ фаъолона машғул шаванд.

Дар байни фанҳои сикли гуманитарии барномаҳои таълимии муасссисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, новобаста аз самтҳои тайёрии касбие, ки онҳо пешкаш мекунанд, таърихи халқи тоҷик мавқеи махсусро ишғол мекунад, зеро он дар раванди ташаккули шаҳрванд ва рушди тафаккури интиқодӣ ҳамчун унсури фарҳанг нақши муҳим мебозад. Аммо дар шароити истифода нашудан, ё кам истифода шудани технологияҳои муосири инноватсионӣ ва ҳамзамон васеъ шудани мазмуни ин фан барои қонеъ гардонидани талаботи дар стандартҳои таълимӣ пешниҳодшуда, стандартҳои нав аз стандартҳои анъанавӣ фарққунанда ташаккули ҷаҳонбинии ҳамаҷонибаи хонандагони муассисаҳои таълимиро таъмин кардан имконнопазир аст.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи "Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ" барои ҳалли ин масъала саривақтӣ буда, мавсуф дар

ин самт корҳои зиёди тадқиқотиро ҳам аз чиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ анҷом додааст.

Фикрҳое, ки тадқиқотчӣ дар кори илмиаш пешниҳод мекунад, ба равишҳои салоҳиятнокӣ ва фаъолият дар соҳаи маориф асос ёфтааст. Дар рафти кор аз таҳлил ва ҷамъбасти мундариҷаи сарчашмаҳои илмии марбут ба мавзуъ ва мушкилоти тадқиқот истифода шуда, инъикос ва ҷамъбасти фаъолияти муассисаҳои таълимӣ истифода шудааст.

Ба назари Палавонов Амоншо нигоҳи тоза ба таълими фанни таърих халқи тоҷик ҳамчун воситаи ташаккули тафаккури муназзами хонандагон, дар онҳо эҷод намудани ақидаҳои мукаммал дар бораи раванди таърихии ҷаҳонӣ, рисолати Тоҷикистон дар ин раванд ва таҳаввули он ҳамчун як ҷузъи тамаддун пешниҳод шудааст. Қайд мекунад, ки курси мактабии таърихи халқи тоҷик на танҳо барои ба хонандагон додани дониши устувори фаннӣ, балки дар онҳо ташаккул додани самтҳои арзишӣ, малакаҳо дар асоси таҳлили бархӯрди таърихӣ, омилҳои объективӣ ва субъективии инкишофи ҷомеа, ба роҳ мондани робитаи сабабу натиҷа, бо далелҳо ҳимоя кардани мавқеи худ, таҷдиди ахбор ва пахши чараёни иттилоот, ки дар ниҳояти кор барои хатмкунандагони оянда ворид шудан ба соҳаи касби интихобкардаашон осон мегардад.

Вазифаҳои номбаршударо тавассути маҷмӯи технологияҳои инноватсионии педагогӣ, методу усулҳои масъалаи лоиҳакашӣ, бозиҳо, ки фаъолияти равонии хонандагонро ҳавасманд мекунанд, ҳал кардан мумкин аст. Шаклҳои муколама (интерактивӣ)-и гузаронидани дарсҳо (масалан, мубоҳиса, муколама), мусоидат ба ҳамдигарфаҳмӣ байни омӯзгор ва хонандагон, ҳалли муштараки мушкилоти таълимӣ ва ба даст овардани малакаҳои мусбии муошират байни хонандагон танҳо бо истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ амалӣ шуда метавонад.

Тадқиқотчӣ дар рисолаи илмиаш намунаҳои мушаххаси нави омӯзиши таърихи халқи тоҷикро тавсиф намуда, нишон додааст, ки татбиқи ин технологияҳо дар амалияи таълим танҳо дар сурате имконпазир аст, агар муаллим оид ба усулҳои ташкил ва гузаронидани баҳсу мунозира дониши касбӣ дошта бошад, самти хуби ӯ дар муҳити таълим, инчунин ҳавасмандӣ ва фаъолияти баланди хонандагон дошта бошад, ки хонандагон бояд тавонанд

мустақилона дарёфт кардани иттилооти зарурӣ, коркард ва таҳлили иттилоот, аз ҷумла сарчашмаҳои ибтидоии таърихӣ дошта бошанд.

Ба ақидаи пажуҳишгар натиҷаи омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик на танҳо дониши мустаҳкам, балки инчунин қобилияти шарҳ додани ҳодисаҳои замони гузашта ва бо назардошти омилҳои объективӣ ва субъективи барқарор намудани робитаи сабабу натиҷа, инчунин қобилияти баҳо додан ба мавқеи худ дар ҷомеаро дар хонандагон рушд медиҳад.

Ба ақидаи муҳаққиқ Палавонов Амоншо Муминович таърих ҳамчун фанни таълимии илмҳои гуманитарӣ як самти муҳими таълим ва тарбия буда, ҳадафи ташаккули на танҳо тафаккури систематикӣ дар хонандагон, балки дар бораи қонуниятҳо ва омилҳои инкишофи раванди ҷаҳонии таърихӣ, мусоидат намудан ба ташаккули тафаккури таърихӣ, ворид шудан ба соҳаи касбии интихобкардаи онҳо пешбинӣ шудааст. Дар заминаи баррасии бархӯрдҳои мухталифи таърихӣ муҳимтарин маҳорат ва қобилиятҳои дарк, таҳлил ва ҷамъбасти иттилооти аз гузашта гирифташуда ташаккул ёфта, шиддати зеҳнӣ ба вуҷуд меояд ва ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки ҷараёни иттилоотро дубора тавлид ва пахш кунанд. Таҷрибаи тадқиқот дар муассисаҳои таълимии интихобшуда аз зарурати ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии таълими фанни таърихи халқи тоҷик шаҳодат медиҳад.

Омӯзиши адабиёт оид ба масъалаҳои дар рисолаи илмии мазкур баррасишуда ба хулосаи зерин асос медиҳад, ки то ҳол бисёр масъалаҳои амалии ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтаанд.

Муаллиф дар рисола тавсияҳоро оид ба истифодаи усулҳои интерактивии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муасссисаҳои таълимӣ ва ташкили кори мустақилонаи хонандагон таҳия намудааст. Тавсияҳо хусусияти универсалӣ доранд ва бо баъзе мутобиқсозӣ метавонанд аз ҷониби муаллимони фанҳои дигар низ истифода шаванд.

Хулоса, диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи “Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси

истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ" таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ҳаҷм, дастгоҳи илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
Муовини директори филиали муассисаи давлатии"Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф"
дар ВМКБ Парпишоев Карам

Имзои Парпишоев Карамро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳои МД
"ДҶТИБКСМ" дар ВМКБ Мансурова М.

«28» 10 2024

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хоруғ,
кӯчаи С. Бандалиев 116. Телефон: +(992) 93-7660187;
E-mail: karam.parpishoev@gmail.com